**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КУМИТАИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТИ**
**НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

«14» 01 соли 2022 ш. Душанбе № 1

«Дар бораи гузаронидани аксияи «Тозагии соҳил-2022»

Бо мақсади сазовор пешвоз гирифтани ҷашнҳои миллию давлатии соли 2022, ба таври доимӣ тозаю озода нигоҳ доштани манбаъҳои обӣ, ҷалби бештари шаҳрвандон ба корҳои ободонию созандагӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати экологии аҳолӣ, инчунин амалигардонии нақшаи чорабиниҳо бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» ва «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1.Дар ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ дар давоми соли 2022, рӯзҳои шанбе бо ҷалби табақаҳои гуногуни ҷомеа аксияи «Тозагии соҳил-2022» баргузор карда шавад.

2. Сарраёсатҳо, раёсатҳо, шуъбаю бахшҳои ҳифзи муҳити зист дар ВМКБ, вилоятҳои Суғд, Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вазифадор карда шаванд, ки нақшаи чорабиниҳоро доир ба баргузории аксияи мазкур дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ то 25 январи соли 2022 таҳия ва тасдиқ намуда, аз натиҷааш ба Кумита маълумоти расмӣ пешниҳод намоянд.

3. Сардорони мақомоти маҳаллии ҳифзи муҳити зист вазифадор карда шаванд, ки ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маърифати экологии аҳолӣ дар ҳамкорӣ бо сохторҳои дахлдор дар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, ташкилоту корхонаҳо ва маҳалҳои аҳолинишин вохуриҳо оид ба истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об доир намуда, рафти баргузории чорабиниҳоро дар воситаҳои ахбори омма мунтазам инъикос намоянд.

4. Бо мақсади ҳавасмандгардонии фаъолон, мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, муассисаҳо, корхонаҳо ва дигар иштирокчиёни фаъоли аксияи мазкур дар таҷлили Рӯзи ҷаҳонии об, Рӯзи умумиҷаҳонии ҳифзи муҳити зист, Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо

туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ ва бо ифтихорномаҳо сарфароз гардонида шаванд.

5. Сарраёсатҳо, шуъбаю бахшҳои ҳифзи муҳити зист дар ВМКБ, вилоятҳои Суғд, Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ оид ба корҳои иҷрошуда ҳар ҳафта ба Кумита маълумоти расмӣ пешниҳод намоянд.

6. Маркази ахбори экологӣ, тарғибот ва барномасозии компютерӣ вазифадор карда шавад, ки аз натиҷаи баргузории аксия дар воситаҳои ахбори омма ва сомонаи интернетии Кумита мунтазам хабару гузоришҳо пахш ва ҷойгир намояд.

7. Раёсати мониторинг, сиёсати экологӣ, обуҳавошиносӣ ва кадастр ва Раёсати назорати давлатии истифода ва ҳифзи захираҳои об вазифадор карда шаванд, ки баргузории чорабинии мазкурро таҳти назорат гирифта, аз натиҷаи он ҳар моҳ ба раиси Кумита маълумот пешниҳод намоянд.

8. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Кумита гузошта шавад.

Раис Шерализода Б.А